«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
профессор Ибодуллозода А.И.
________________
«25» ___11___ соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионии мазкур дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** соли 1992 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Ӯ аз соли 1992 то соли 1993 ба ҳайси лаборанти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, аз соли 1993 то соли 1994 коромӯз-тадқиқотчии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва аз соли 1994 то соли 1997 ҳамчун аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст. Ӯ аз соли 1997 то соли 2000 дар вазифаи муовини декан оид ба тарбия, аз соли 2000 то соли 2005 муовини декан оид ба таълим, аз соли 2005 то соли 2007 декани факултети филологияи тоҷик, аз соли 2007 то соли 2008 муовини декан оид ба таълим, аз моҳи январи соли 2008 то моҳи ноябри соли 2008 ёвари ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз соли 2008 то соли 2013 ёвари ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз соли 2013

то соли 2014 мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз соли 2014 то соли 2017 ёвари вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи марти соли 2017 то моҳи октябри соли 2017 директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, аз соли 2017 то соли 2021 муовини ректор оид ба корҳои таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз соли 2021 то соли 2022 декани факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва аз моҳи июни соли 2022 то моҳи сентябри соли 2022 мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷик фаъолият намудааст. Ҳамзамон, аз соли 1997 ба ҳайси ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст. Аз моҳи сентябри соли 2022 то ба ин замон дар вазифаи дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Қосимӣ С.А. соли 1998 дар мавзуи «Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ» диссертатсияи номзадиашро ҳимоя карда, муаллифи беш аз 70 мақолаи илмӣ, 5 китобу монография, 3 дастури таълимӣ, 2 дастури илмӣ-методӣ ва 4 васоити таълимӣ-методӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи доктории дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.02. 2018, қарори №10/7.1 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмии Қосимӣ С.А. доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович мебошад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷалла ва нашриёҳои дигари соҳавӣ ва 1 монография инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Қосимӣ С.А. дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 04.10.2022, суратҷаласаи №3 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович ва доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Саидмуроди Хоҷазод муҳокима гардид.

Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

**чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти гуфтории тоҷикон дар радифи адабиёти навиштори дар саҳифаҳои дурахшони худ дурдонаҳои зиёди адабиро ҷой дода, ганҷинаи завқу маънавиёт ва андӯхтаҳои таърихии фарҳанги омиёнаро маҳфуз доштаанд. Суруд ҳам як гунаи адабиёти гуфтории ниёгони мост, ки бо тамомияти вижагиҳои фаровонии қаринаҳо аз ҳар ҷиҳат сазовори баррасиҳои ҷиддиву илмист.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба поэтикаи жанри сурудҳои халқии тоҷикӣ дар пайвастагӣ ба чор шохаи маъруфи осори ҳунарии адабӣ, яъне матншиносӣ, мавзуъбандӣ, сохторшиносӣ ва услубшиносӣ сурат гирифтааст.

Агарчи пажуҳишгарон оид ба анвои суруд ҷое бештару ҷое камтар изҳори назар кардаанд, вале ба андешаи Р.Амонов, В.Асрорӣ,

Н.Шакармамадов, Б.Шермуҳаммадов, Р.Раҳмонӣ ва дигарон масъалаи суруд ва хусусиятҳои он таҳқиқи ҷомеи монографиро тақозо дорад.

Сурудҳои мардумӣ дар дарозои сайри таърихии худ аз нигоҳи диалектикаи шаклу мазмун ва таркиби жанриву бадеии худ то ба ҳадди осори мукаммали фарҳанги омма ва падидаи вежаи ҳунари эҷодӣ сайқалу такомул ёфтаанд. Аз нигоҳи дастовардҳои илми муосири фолклоршиносӣ дар маркази таҳқиқ қарор додани сурудҳои мардумӣ бахусус, корбандии андӯхтаҳои як шуъбаи мубрами он – поэтикаи таърихӣ, хусусиёти диди эстетикии халқ ва нуфузи ҷанбаи бадеиро дар бунёди жанрҳои осори гуфторӣ ошкор хоҳад кард.

Дар таҳқиқоти бунёдии Р. Амонов «Лирикаи халқи тоҷик» фақат сурудҳои лирикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсияи ҳозир ба таври муфассал роҷеъ ба поэтикаи жанри сурудҳои халқии тоҷикӣ ва анвои он баҳс шудааст, ки фақат бо созу овоз сароида мешаванд ва матни онҳо дар маҷмуаҳои фолклорӣ ё рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба омӯзиши муқоисавии матнҳои ҷудогона, гоҳе ба маводи бойгониҳои шахсӣ, фолклоршиносони номдор ва муассисаҳои илмии дахлдор низ ишора шудааст.

Пажуҳиши илмии поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ, бавижа сайри таърихии онҳо, амсоли жанрҳои дигари фолклорӣ бидуни таваҷҷуҳи амиқ ба таърихчаи гирдоварӣ, нашру тадвин ва табақабандии нусхаҳои матн аз имкон берун аст, зеро яке аз боризтарин мухтассоти зотии жанрҳои фолклорӣ таҳаввулпазирӣ ва вариантнокии онҳо маҳсуб мешавад, ки ба таъсири ангезаҳои иҷтимоӣ ва қонунмандиҳои дохилижанрӣ сурат мепазирад. Ин аст, ки таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур ба таҳқиқ ва таъйиди ҷойгоҳи поэтика дар шинохти сурудҳои халқӣ дар иртиботи мустақим қарор дорад. Аз ин дидгоҳи илмии назарӣ, яъне дар партави масъалаҳои поэтикаи осори гуфторӣ муайян кардани моҳияти жанрии сурудҳои халқӣ аз ҷумлаи масоили актуалии илмист, ки

дар равшан намудани баъзе махсусияти шуури бадеиву эстетикии халқ аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад.

Жанри сурудҳои халқии тоҷикӣ бори нахуст ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамчунин, мубрамияти мавзуи таҳқиқ боз дар он нукта ифода меёбад, ки дар диссертатсия раванди эҷоди сурудҳои халқии тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ бо сурудҳои халқҳои дигари ҳамзабон, ҳамсоя ва миллатҳои дигари олам ба таҳлил кашида шудаанд.

Сурудҳои халқии тоҷикӣ яке аз жанрҳои қадимтарини фарҳанги омма буда, таърихи дуру дароз доранд, аз ҷумла «Авесто» суруда мешуд. Ҳарчанд ин жанри фолклорӣ ҳазор сол боз вирди забони мардум аст, вале намунаҳои матнҳои давраҳои қадим то рӯзгори мо аз тариқи сарчашмаҳои навиштори хеле кам расидаанд. Аз ин ҷиҳат, иттилои мо дар бораи сурудҳои халқии замони қадим ва асрҳои миёна чандон зиёд нест. Сурудҳои халқҳои гуногуни олам низ ба мисли жанрҳои дигари фолклорӣ баъди ба вуҷуд омадани илми фолклоршиносӣ сабт шудаанд. Аммо сабти воқеии сурудҳои халқии тоҷикӣ асосан, аз солҳои бистуми асри XX оғоз гардида, то имрӯз идома дорад. Дар тули беш аз сад сол матнҳои зиёди сурудҳои халқӣ аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ сабт ва намунаҳои он дар маҷмуаҳои илмиву оммавӣ нашр шудааст. Ба ин ҷиҳат, дар илми фолклоршиносии тоҷик таҳқиқи муфассали сурудҳои халқии тоҷикӣ ва мавқеи он дар ҳаёти моддӣ ва маънавии мардум яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравaнд. Агарчи дар канори жанрҳои дигар оид ба сурудҳои халқии тоҷикӣ ва анвои онҳо, гоҳе ибрози назар шудааст, вале масъалаи поэтикаи ин жанри машҳуртарини халқӣ, то имрӯз дар шакли диссертатсияи алоҳида мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ҳатто доир ба масъалаи меҳварии поэтикаи сурудҳо, ки вижагиҳои воситаҳои тасвири бадеӣ маҳсуб мешавад, то кунун пажуҳиши монографии илмӣ ба миён наомадааст.

Масъалаи асосии таҳқиқ дар диссертатсия поэтикаи жанри сурудҳои халқӣ аст, ки дар тули беш аз 150 сол муҳаққиқон аз байни тоҷикони Осиёи Миёна (асосан, аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) гирд оварда, дар матбуот даврӣ ва дар маҷмуаҳои гуногун ба чоп расонидаанд ва дар ихтиёри бойгониҳо гузоштаанд.

Аз мутолиа ва баррасии асарҳои соҳавӣ маълум мегардад, ки оид ба мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» муҳаққиқон дар мақола ва рисолаҳои худ назари хешро ба таври пароканда баён намудаанд. Ба таври ҷудогона роҷеъ ба махсусияти суруд, гирдоварӣ, нашр, таҳқиқ, анвои он, муҳтавиёт ва воситаҳои тасвири бадеии ин жанри машҳур як тадқиқоти ҷомеъ ба анҷом нарасидааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин матлаб, лозим диниста шудааст, ки масъалаи мазкур ба таври муфассал ва бо такя ба дастовардҳои ҷадиди илми фолклоршиносӣ ва корбандии усулҳои равишманди татбиқӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор диҳад.

Мақсади асосии таҳқиқ ба таври муфассал мавриди баррасии илмӣ қарор додани поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ мебошад, ки дар давоми беш аз 150 сол аз байни мардум гирдоварӣ, нашр ва баррасӣ шудааст. Барои амалӣ намудани мақсади аслӣ, ҳалли вазифаҳои зерин зарур дониста шуд:

– таҳқиқи истилоҳи суруд ва муродифҳои он бар асоси сарчашмаҳои гуфторӣ ва навишторӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқӣ ва муносибати он бо истилоҳоти «тарона», «бадеҳа», «даргилик»;

– ҷустор перомуни омӯзиши гирдоварӣ ва нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ;

– равшанӣ андохтан ба масъалаи пажуҳиши сурудҳои халқӣ;

– муайян намудани анвои сурудҳои халқӣ;

– шарҳи мавзуъҳои сурудҳои халқӣ;

– тавзеҳи сохтор ва воситаҳои тасвири бадеии сурудҳои халқӣ;

– шинохти меъёрии вариантнокии сурудҳои халқӣ;

– таъйини хусусиятҳои бадеӣ ва ҳунари тасвиргарӣ дар сурудҳои халқӣ;

– омӯзишу баррасии хусусиятҳои услубии сурудҳои халқӣ;

– пажӯҳиши ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ.

Дар диссертатсия методҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва типологии илмҳои фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ ва мардумшиносӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ҷараёни пажуҳиш масъалаҳои гуногуни поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ, равиши кор ва андешаҳои назарии муҳаққиқон ба монанди С.Айнӣ, М.С.Андреев, В.П.Аникин, А.Н.Болдирев, И.С.Брагинский, В.М.Гатсак, В.Е.Гусев, В.М.Жирмунский, Н.П.Калпакова, С.Г.Лазутин, Д.С.Лихачев, Е.М.Мелетинский, Б.Н.Путилов, Б.В.Томашевский, Ю.Г.Круглов, А. Сатторзода, В.М.Сиделников, Р.Амонов, В.Асрорӣ, Б.Тилавов, Х.Шарифов, Р.Мусулмониён, Н.Салимӣ, Н.Нурҷонов, А.Раҳмонзода, Б.Шермуҳаммадов, Н.Шакармамадов, У.Тоиров, Р.Раҳмонӣ, Ф.Азизӣ, Н.Ҳакимов ва дигарон ба назар гирифта шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик аввалин таҳқиқи муфассал дар бораи поэтикаи жанри сурудҳои халқии тоҷикӣ аст. Дар диссертатсия бори нахуст таърихи гирдоварӣ, нашр ва омӯзиши сурудҳои халқии тоҷикӣ таҳлил ва замонбандӣ гардида, поэтикаи он аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ ба таври муқоисавию типологӣ, вариантнокӣ ва дар муҳити иҷро мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, мавқеи сурудҳои халқӣ дар рӯзгори маишии

мардум, баъзе хусусиятҳои услубӣ, ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ ба таври муфассал таҳқиқ шудааст.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вижагиҳои сурудҳои халқӣ, анвои онҳо, услуби баён дар сурудҳо, замону макони эҷоди онҳо ва хусусан, ба таърихи эҷоди сурудҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, масъалаҳои назарӣ дар пайвастагӣ бо баррасиҳои мушаххаси амалӣ ба таҳқиқ гирифта шудаанд. Баҳсу андеша ва мулоҳизаву хулосаҳои диссертатсия хусусияти актуалӣ дошта, дар фолклоршиносии тоҷик аз аҳаммияти вижа бархурдоранд.

Таҳқиқи сурудҳои халқӣ ҳамчун диссертатсияи ҷудогона барои равшан намудани масъалаҳои гуногуни назми гуфтории мардуми тоҷик ва баъзе аз манотиқи тоҷикзабонони Осиёи Марказӣ, халқҳои форсизабон, ҳамчунин таҳқиқу таъйиди баъзе масъалаҳои куллии назарияи жанрҳои манзуми фолклорӣ ва қонунмандиҳои пайдоиш ва таҳаввули жанрҳои ҷудогонаи осори гуфторӣ аз аҳаммият холӣ нест. Диссертатсия барои муҳаққиқони фолклоршинос, донишҷӯён, унвонҷӯйҳо, докторантҳо ҳамчунин, таълифи китоби таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷикон судманд хоҳад буд.

Аз маводи диссертатсия дар таълифи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсии фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ ва фарҳангшиносӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин, имкон дорад, ки баъзе нуктаҳои диссертатсия дар раванди таълими дарсҳои фолклори тоҷикон, таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ, матншиносӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус, фарҳангшиносӣ, кишваршиносӣ, фолклори Шарқу Ғарб, таълифи корҳои курсӣ, рисолаи хатми бакалаврӣ, рисолаи магистрӣ, диссертатсияи доктор PhD, диссертатсияи номзадӣ ва доктории илми филология, таърих, мардумшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва мусиқишиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Объекти таҳқиқ** ин сурудҳои халқии тоҷикӣ дар контексти жанрҳои дигари назми гуфторӣ ва сурудҳои навиштори маҳсуб мешавад. Объекти аслии таҳқиқи диссертатсия масъалаҳои поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ аст.

**Предмети таҳқиқ** анвои гуногуни сурудҳои халқии тоҷикист, ки дар нимаи дуюми асрҳои XIX, XX ва аввали асари XXI аз байни мардум гирдоварӣ ва нашр шуда, дар бойгониҳо маҳфуз аст. Ҳамчун предмети аслии таҳқиқ дар диссертатсия масъалаҳои гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар айни замон, масъалаҳои истилоҳ, вижагиҳои жанри мазкур, сохтор, навъу муҳтаво, бадеият, вариантнокӣ, хусусиятҳои услубӣ ва ҳамоҳангии сурудҳои халқии тоҷикӣ ва мусиқӣ низ ба ҳайси предмети таҳқиқ баррасӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар диссертатсия дастабандӣ, баррасӣ ва тавсифи маҷмуаҳои фолклории "Адабиёти даҳанакӣ" (1934, бо хатти лотинӣ), «Намунаҳои фолклори тоҷик» (1938, бо хатти лотинӣ), «Фолклори тоҷик» (1940, бо хатти лотинӣ; 1954; 1957), «Намунаҳои фолклори Дарвоз» (1956, 1962), «Эҷодиёти даҳанакии мардуми Кӯлоб» (1956; 1963), «Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ» (1958), "Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон" (1960), "Гӯрӯғлӣ" (1962, 1976, 1987), "Фолклори Норак" (1963), «Таронаҳои Самарқанд» (1966), "Сухане аз даҳане" (1966), "Восеънома" (1985), "Фолклори водии Қаротегин" (1986), "Гуларӯсак" (1986), "Фолклори диёри Восеъ" (1990), "Фолклори Ӯротеппа" (1991), "Сурудҳои тӯйи Помир" (1993), "Алла, ҷонам, аллаё" (1993), "Фолклори тоҷикони Қашқадарё" (2000), "Фолклори Данғара" (2002), "Фолклори Кӯлоб" (2007), "Ашӯлаҳои мардуми Хуҷанд" (2012), «Сурудҳои мардуми Кӯлоб» (2015) ва даҳҳо дигарон, инчунин, матнҳои мунташир дар матбуоти солҳои 20-50-уми асари XX, сурудҳои мавҷуд дар бойгониҳои фолклоршиносон, аз захираи илмии дастхатҳои ФФТ

АМИТ ва бойгонии муаллиф ба сифати предмети таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар раванди таълифи диссертатсия, ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалӣ, масъалаҳои дар пеш гузоштаро ҳал намудааст. Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда аз равишҳои таҳқиқии муосир, аз ҷумла муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, сохторшиносӣ ва таҳлили услубӣ истифода карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои ба таҳқиқи сурудҳо дахлдоштаро дар қолаби диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст кардааст. Ҳамчунин, арзиш, аҳаммият ва вижагиҳои мубрами сурудҳои халқии тоҷикиро дар мақолаҳо, рисолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимии худ нашр намудааст.

Дар таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик бори аввал жанри сурудро ба таври ҷудогона дар партави фарҳанги ниёгон ва дастовардҳои илми фолклоршиносии кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ намуда, бо далелҳои илмӣ поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикиро аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ ва бадеият мавриди пажӯҳиши доманадор қарор додааст.

Ҳамзамон, мазмуни асосии диссертатсия дар конфренсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа шудааст.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар мувофиқат бо мавзуъҳои илмию таҳқиқии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дар пайвастагӣ бо барномаҳои илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ таълиф гардида, як бахши асосии онро дар бар мегирад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кори диссертатсионии Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодирро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Қосимӣ С.А. дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, профессори шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович ва доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – Хоҷазод Саидмурод ба шурои диссертатсионии дахлдор пешниҳод менамояд.

Хулоса, дар ҷаласаи шурои олимони факултети филологияи тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Иштирок доштанд: 13 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №3 аз 18.11.2022.

Раиси шурои олимони
факултети филологияи тоҷик,
д.и.ф., профессор — Восиева Р.

**Муқарризони холис:**

доктори илми филология, профессори
шуъбаи адабиёти муосири Институти

забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Раҳмонов Ш.А.

доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ — С. Хоҷазод

Котиби илмии Шурои олимони
факултети филологияи тоҷик,
н.и.ф., дотсент — Раҳмонов Б.

**Имзоҳои Восиева Р., С. Хоҷазод ва**
**Раҳмонов Б.-ро «тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Телефон: (+992-37) 224-18-01.
918-26-85-73

«24» ноябри соли 2022

**Имзои Ш. Раҳмоновро “тасдиқ мекунам”:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи А.Рӯдакии АМИТ — Назриқулова Ҳ.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Нишонии муассиса:
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел.: 992(+327) 2273378, 2277550, 2272426
Нишонии саҳифаи расмӣ:
www.iza.tarena.tj; iza_rudaki17@mail.ru
Тел.: (+992) 904 18 66 48

«22» ноябри соли 2022